ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 336.13 (575.3)

Бо ҳуқуқи дастнавис



САБУРЗОДА ФАРИДУНИ МИРЗОАЛИ

ТАНЗИМИ МОЛИЯВИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900–Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертатсия дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Иброҳимзода Илҳомуддин Рачабалӣ** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ: **Шарифзода Баҳром Маҳмуд** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи бозори молиявӣ ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Чиллаев Сулаймон Нажмудинович – номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини декан оид ба тарбияи факултети молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Ҳимояи диссертатсия санаи «05» декабри соли 2026, соати 10^{00} дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-126 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8, синф. 102, E-mail: fuzail-1991@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 934514545.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва сомонаи расмии www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _____ соли 2026 фиристода шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Бобоев Ф.Ҷ.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Марҳилаи имрӯзаи рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи тағйироти пайвастаи муҳити ҷаҳонии иқтисодӣ сурат мегирад. Дар чунин шароит афзоиши ноустуворӣ бозорҳои молиявӣ ва таъсири омилҳои хориҷӣ ҳамчун сабабҳои муҳимми муайянкунандаи рушди иқтисодӣ арзёбӣ мешаванд. Ин вазъ зарурати такмили равишҳои танзими молиявиро ҳамчун яке аз самтҳои калидии таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба миён мегузорад. Дар ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар, аз ҷумла, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМРҶТ – 2030) қайд шудааст: «...ба зарурати ташаккули низоми муосир, устувор ва рақобатпазири бахши молиявӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст, ки бояд қобилияти муқовимат ба таконҳои берунаро дошта бошад»[45, с.84].

Дар шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ низоми танзими молиявӣ аҳаммияти хос пайдо намуда, ҳамчун воситаи муҳимми татбиқи сиёсати иқтисодии давлат хизмат мекунад. Фаъолияти он танҳо ба назорати гардиши маблағҳо ва танзими захираҳои молиявӣ маҳдуд набуда, ба ҳалли доираи васеи масъалаҳои иқтисодӣ равона мегардад. Аз ҷумла, тавассути танзими самараноки молиявӣ барои нигоҳ доштани суботи иқтисодӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва истифодаи оқилонаи захираю имкониятҳои мавҷудаи кишвар шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва баррасии масъалаҳои вобаста ба ислоҳоти сиёсати молиявӣ, такмили низоми андозию буҷетӣ, густариши бозорҳои молиявӣ ва тақвияти заминаи институтсионалии мақомоти танзимкунанда аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб мераванд.

Равандҳои иқтисодии солҳои охир нишон медиҳанд, ки дар шароити буҳронҳои ҷаҳонӣ устувории низоми молиявӣ ба яке аз омилҳои муҳимми ҳифзи суботи иқтисоди миллӣ табдил меёбад. Буҳрони молиявии соли 2008 ва

коҳиши фаъолияти иқтисодӣ дар натиҷаи паҳншавии COVID-19 зарурати мавҷудияти механизмҳои босамари идоракунӣ ва танзими молиявиро бештар намуданд. Таҷрибаи мазкур шаҳодат медиҳад, ки танзими дурусти муносибатҳои молиявӣ метавонад барои коҳиш додани таъсири омилҳои беруна, нигоҳ доштани фаъолияти иқтисодӣ ва тақвияти устувории иқтисоди миллӣ мусоидат намояд. Бо дарназардошти аҳаммияти ин масъала, Пешвои муаззами миллат чунин қайд намудаанд: «Дар шароити мураккаби иқтисодӣ ва геосиёсии ҷаҳон, низоъҳои тиҷоратӣ, афзоиши таҳримҳо, тағйирёбии иқлим, болоравии нархи маҳсулоти озуқаворӣ дар ҷаҳон, паҳншавии бемории сироятии COVID-19 ва дигар омилҳои манфии ба иқтисоди миллӣ таъсиргузор Ҳукумати мамлакат тамоми чораҳои пешгирикунандаро андешида истодааст, ки дар натиҷа соли 2021 суръати рушди иқтисодӣ ба беш аз 9 фоиз баробар гардид»[37].

Самтҳои афзалиятноки танзими молиявӣ ба таҳкими суботи макроиқтисодӣ, нигоҳдории мувозинати буҷетӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои давлатӣ, рушди технологияҳои рақамӣ дар соҳаи молия ва васеъ намудани фарогирии молиявӣ нигаронида мешаванд. Ин омилҳо барои ташаккули муҳити мусоиди иқтисодӣ ва таҳкими рушди устувори кишвар аҳаммияти хос доранд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисоди муосир, танзими молиявӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми нигоҳдории суботи макроиқтисодӣ ва фароҳамсозии замина барои рушди устувори иқтисоди миллӣ баромад мекунад. Бинобар ин, таҳқиқи моҳият, самтҳо ва механизмҳои амалисозии мавзуи мазкур аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ: Бояд гуфт, ки барои илми иқтисодӣ масъалаҳои танзими давлатии рушди иқтисодиёт мафҳуми нав нест. Масъалаҳои умумии назарияи танзими молиявии иқтисодиёт аз ҷониби асосгузори мактаби

кейнсионӣ Ҷ.М. Кейнс ва дигар пайравони ӯ шарҳ дода шудааст. Дар ҳама давру замон масъалаҳои танзими давлатии молиявӣ ва паҳлуҳои алоҳидаи масъалаи мазкур аз тарафи олимони зиёди хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Масъалаҳои умумии назарияи асосҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёт дар корҳои илмии А. Смит[67], А. И. Бирюков[10], А. Г. Грязнова[15], В. П. Орешин[36], Г. А. Петранева[38], Е. Г. Безрукова[9], И. Н. Молчанов[32], К. Маркс[65], Л. А. Бурмистрова[12], М. Кожахметова[24], М. О. Безгуба[8], М. Фридман[63], М. Х. Койбаева[25], Н. Л. Барышникова[7], О. А. Морозова[33], П. В. Качанов[20], П. Самуэлсон[66], С. В. Барулин[6], Т. А. Позднякова[39], Ҷ. М. Кейнс[64], Ю. А. Федосеева[56] ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон, масъалаҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои иқтисодшиносони тоҷик, аз қабили А. А. Ваҳобов[13], А. М. Солеҳзода[41], Б. М. Шарифзода[58, 59, 60, 61], Г. С. Ғафуров[14], Д. Р. Бобоҷонов[11], Д. У. Уроқов[53], З. С. Султонов[46], И. Р. Иброҳимзода[17], М. Р. Муртазоқулов[34], Н. Қ. Қаюмов[22, 23], Р. А. Азизбоев[1, 2, 3, 4], Р. С. Шокиров[62], С. А. Мирсаидов[30], Т. М. Тӯхтаев[47], Т. Н. Назаров[21, 22], Т. Ҷ. Усманова[54, 55], Ф. А. Мирзобобоев[47], Ф. Н. Икромӣ[18], Ф. С. Обидов[35], Х. Р. Улуғхоҷаева[48], Х. У. Умаров[49, 50, 51, 52], Ҷ. А. Алиҷанов[5], Ш. М. Раҳимзода[40] ва дигарон мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Бо вуҷуди аҳаммияти масъалаи мазкур, дар корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ҷанбаҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз ба таври ҳамаҷониба ва мукаммал мавриди таҳлил қарор нагирифтаанд. Ҳамин тариқ, рушди нокифояи масъалаи танзими молиявии иқтисоди миллӣ дар шароити муосир ба бозор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллифро водор намуд, ки онро ҳамчун объекти таҳқиқоти рисолаи илмӣ баррасӣ намояд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.

Мавзуи диссертатсия бо бандҳои дахлдори “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, ки дар ҷодаи «баланд бардоштани самаранокии истифодаи воситаҳои танзими ғайримустақим дар робита бо сиёсати нигоҳ доштани устувории нархҳо ва сиёсати мутавозуни пулию қарзӣ; таъсис додани танзимкунандаи азим (мегарегулятор)-и бахши молиявӣ; фаъолсозии равандҳои муттаҳидсозӣ дар ҳамаи сегментҳои бозори молиявӣ, афзоиши теъдоди ҳамроҳшавӣ ва азхудкунӣ ҳамчун шаклҳои баланд бардоштани сармоягузории ташкилотҳои молиявӣ»[45, с.81], ки яке аз самтҳои асосии фаъолият пешбинӣ карда шудааст, мутобиқ аст. Зимнан, муҳтавои бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ба асосноккунии ҷанбаҳои илмию назариявии масъалаҳои дар «Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, № 175; «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.07.2022, №314; «Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»; Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31.12.2020, №175 ба тавсиб расида мутобиқ гардонида шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Таҳқиқоти мазкур ба такмили танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир бахшида шудааст. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ танзими молиявӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Самаранок ба роҳ мондани танзими молиявӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳибкорӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар заминаи

мусоид фароҳам меорад. Аз ин рӯ, зарурати такмили механизмҳои танзими молиявӣ, истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, рушди низоми бонкӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва таҳкими назорати молиявӣ пеш меояд. Натиҷаҳои чунин таҳқиқот метавонанд барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати иқтисодию молиявӣ ва таҳкими рушди устувори иқтисодиёти миллӣ истифода шаванд.

Мақсади таҳқиқоти мазкур коркарди асосҳои назариявию методии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи механизмҳои самараноки такмили он дар шароити муосири рушди муносибатҳои иқтисодӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқоти мазкур дар доираи мақсади вогузошташудаи таҳқиқоти кори диссертатсионӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- таҳқиқ ва ошкорнамоии ҷанбаҳои назариявии танзими молиявӣ дар шароити муосир;
- асосноксозии принсипҳо, усулҳо ва механизмҳои самаранокии танзими молиявии рушди иқтисодиёт;
- арзёбии вазъи муосир ва муайянсозии тамоюлҳои асосии танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, омӯзиши асосҳои институтсионалӣ ва фишангҳои таъсиррасони танзими молиявӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ;
- коркарди самтҳои такмилдиҳӣ, роҳҳо ва таҳияи дурнамои раванди механизми танзими молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ.

Объекти таҳқиқот низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир мебошад.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот маҷмуи муносибатҳои молиявӣ-иқтисодие мебошад, ки дар натиҷаи низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёт ба вуҷуд меоянд.

Фарзияи асосии таҳқиқот аз он бармеояд, ки натиҷабахшии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути сатҳи рушди институтҳои танзимкунанда ва дараҷаи мукаммалии механизмҳои сиёсати молиявӣ муайян карда мешавад. Дар сурати такмили ин унсурҳо имконияти таҳкими суботи макроиқтисодӣ ва баланд бардоштани суръати рушди иқтисодӣ дар шароити муосир бештар мегардад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро осори классикони назарияҳои иқтисодӣ, намояндагони маъруфи мактабҳои иқтисодӣ (аз ҷумла назарияҳои классикӣ, кейнсионӣ, монетаристӣ ва институтсионалӣ), қонунҳо, фармонҳо, дастурамалҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои идоракунӣ ва танзими молиявии равандҳои иқтисодӣ, инчунин корҳои илмию таҳқиқотии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар ин самт ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқотро маҷмуи равишҳо ва усулҳои илмие ташкил медиҳанд, ки дар раванди омӯзиш барои таҳлил, муқоиса ва арзёбии масъалаҳои мавриди назар истифода шудаанд. Дар ин замина усулҳои умумиилмии таҳлилу синтез, қиёскунӣ ва баҳогузорӣ, инчунин усулҳои махсуси иқтисодӣ-риёзӣ, мантиқӣ, пешгӯикунӣ, оморӣ ва коррелятсионӣ-регрессионӣ (барои арзёбии вобастагии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ба монанди ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ, воридоти андозҳо ва ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ нисбат ба ММД) мавриди истифода қарор гирифтаанд. Истифодаи усулҳои мазкур ба таҳлили амиқу ҳамаҷонибаи мавзуъ, муайян намудани қонуниятҳои асосӣ ва омилҳои таъсиррасон, инчунин таҳияи дурнамои нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишвар то соли 2030 ва пешниҳоди хулосаву тавсияҳои илмии асоснок мусоидат менамояд.

Сарчашмаҳои маълумотҳоро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳо ва маълумотҳои оморӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва маводҳои лоиҳаҳои таҳқиқотиву чорабиниҳои илмӣ (конфронсу семинарҳо) бахшида ба масъалаҳои танзими молиявии равандҳои иқтисодӣ ташкил медиҳанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Рисолаи илмӣ дар заминаи кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021–2026 анҷом дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳияи равишҳои муосири танзими молиявии рушди иқтисодиёт ифода меёбад. Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои мавҷудаи танзими молиявӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, самаранокии татбиқи онҳо дар шароити кунунии иқтисодӣ ҳамаҷониба таҳлил ва арзёбӣ шудаанд. Ҳамзамон, роҳҳои такмили механизми танзими молиявӣ ҷиҳати таъмини рушди иқтисодиёт асоснок гардида, пешниҳодҳои дахлдор таҳия шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада, ки навгонии илмии таҳқиқотро инъикос менамоянд, ба таври зерин ҷамъбаст мегарданд:

1. Дар асоси таҳлили назарияҳои илмӣ ва омӯзиши таҷрибаи мавҷуда равишҳои асосии ташаккули низоми танзими молиявӣ ва механизмҳои амалисозии он муайян карда шуданд. Ҳамчунин, дидгоҳи муаллиф оид ба моҳияти иқтисодии танзими молиявӣ бо такя ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии масъала асоснок ва пешниҳод гардидааст. Дар натиҷаи таҳлили равишҳои гуногун таърифи муаллифии зерин пешниҳод гардидааст: «танзими молиявӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии давлат буда, ба таъмини устувории низоми молиявӣ, пешгирии буҳронҳо ва тақсимоти самараноки захираҳои молиявӣ мусоидат менамояд».

2. Принсипҳо ва усулҳои асосии низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёт муайян ва таҳлил гардида, механизмҳои татбиқи онҳо мушаххас шарҳ дода шудаанд. Инчунин, илман собит карда шудааст, ки татбиқи дурусти принсипҳои зикршуда ва истифодаи оқилонаи воситаҳои гуногуни танзими молиявӣ барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтисодӣ, коҳиш додани хавфҳои эҳтимолӣ ва фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

3. Дар асоси таҳлили комплексии нишондиҳандаҳои оморӣ вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, шаклҳо ва фишангҳои асосии таъсиррасонии молиявӣ ба бахшҳои иқтисоди миллӣ тавсиф ва баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин, асосҳои институтсионалии низоми танзими молиявӣ дар шароити муосир илман асоснок гардида, натиҷаҳои таҳлил собит сохт, ки танзими давлатии молиявӣ дар кишвар дорои тамоюли мусбат ва пешрафти муайян мебошад, аммо ҳамоно бо мушкилоти марбут ба баланд бардоштани сатҳи шаффофият, тақвияти институтҳои молиявӣ ва рушди бозорҳои молиявӣ рӯ ба рӯ аст.

4. Самтҳои афзалиятноки такмили низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти шароити кунунӣ муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, барои татбиқи амалии онҳо маҷмуи механизмҳои мушаххас таҳия ва пешниҳод гардидааст. Ҳамзамон, самтҳои афзалиятноки такмили механизми танзими молиявӣ ва дурнамои рушди он мавриди асосноккунии илмӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот зарурати ташаккули низоми молиявии боэътимод, шаффоф ва чандирро собит менамоянд, ки метавонад ҳифзи манфиатҳои сармоягузоронро таъмин намуда, баҳри рушди устувори иқтисоди миллӣ шароити мусоид фароҳам оварад.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Консепсияи илмии низоми танзими молиявӣ таҳия гардида, моҳияти иқтисодӣ ва механизмҳои амалисозии он муайян карда шудаанд.

2. Муқаррар карда шудааст, ки принсипҳо ва усулҳои танзими молиявӣ ҳамчун унсурҳои асосии таъмини рушди иқтисоди миллӣ баромад намуда, самаранокии онҳо аз хусусиятҳои муҳити иқтисодӣ ва институтсионалӣ вобаста мебошад.

3. Собит шудааст, ки рушд ва такмили минбаъдаи механизми танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба таҳкими суботи макроиқтисодӣ, истифодаи оқилонаю самараноки захираҳои молиявӣ ва афзоиши имкониятҳои рушди босуръати иқтисоди миллӣ замина мегузорад.

4. Модели илмии такмили механизми танзими молиявии рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, роҳҳои оптимизатсия ва дурнамои рушди он пешниҳод гардидаанд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ. Хулоса ва тавсияҳои дар кори илмӣ овардашуда метавонанд ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи бахши молия ва соҳаҳои мушаххаси фаъолияти иқтисодӣ истифода гарданд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи консептуалӣ, ташаккули моделҳои мутобиқшудаи идоракунии иқтисодиёт ва таҳкими заминаи институтсионалӣ ниҳон мебошад. Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ ин тавсияи механизмҳои самаранокии танзими молиявӣ ба фаъолияти амалии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон нигаронида шуда, инчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми омӯзиши курсҳои «Молия», «Танзими давлатии молиявӣ», «Идоракунии молияи давлатӣ», «Назорати давлатии молиявӣ» ва ғайра мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

Дарачаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Дар асоси истифодаи сарчашмаҳои боэътимоди иттилоотӣ, аз ҷумла,

маълумоти расмии оморӣ, ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва маводи таҳлилии илмӣ таъмин карда мешавад. Дар раванди таҳқиқот инчунин маҷмуи усулҳои илмӣ, аз қабили таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, иқтисодӣ-математикӣ ва усулҳои оморӣ ба кор бурда мешаванд. Илова бар ин, мувофиқати натиҷаҳо бо корҳои илмии муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ ҳамчун омили муҳимми баланд бардоштани сатҳи эътимоднокӣ арзёбӣ мегардад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқот дар доираи муҳтавои бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) иҷро карда шудааст: 1.1. Равандҳои методологию ташкилии ташаккулёбии низоми молиявӣ; 1.2. Сохторҳои низоми молиявӣ ва мақомоти идоракунии низоми молиявӣ; 1.3. Назария ва методологияи таъсири низоми молиявӣ ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ; 1.5. Ниҳодҳои молиявӣ: назария, методология, қонуниятҳои рушд ва такмили идоракунӣ; 2.2. Танзими молиявии равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; 2.7. Асосҳои консептуалии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва танзими буҷетӣ; 2.10. Назария ва таҳлили низоми молияи давлатӣ; 2.14. Маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; 2.16. Сиёсати буҷетию андозии давлат дар иқтисоди бозорӣ; 11.7. Танзими давлатии ниҳодҳои қарзию молиявӣ.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Пеш аз ҳама саҳми шахсии муаллиф дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявию методологии низоми танзими молиявӣ, механизмҳо, принсипҳо, усулҳои асосӣ ва такмили ҷамбаҳои институтсионалии танзими молиявӣ назаррас мебошад. Муаллиф танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити муосир таҳқиқ намуда, тамоюлҳои асосии танзими молиявии рушди иқисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷанбаҳои институтсионалии танзими молиявиро шарҳ дода, самтҳои асосии беҳдоши танзими

молиявиро барои рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар чорабиниҳои зерин мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбат гирифтаанд: Семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва мизҳои мудаввари кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2021-2026); конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Масоили тақвияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ», Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (12-уми марти соли 2025); конфронси байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Национальные экономические системы в контексте трансформации глобального экономического пространства», Крымский инженерно-педагогический университет имени Февзи Якубова (27 марта 2023); конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Танзими молиявии рушди босуботи инноватсиониву индустриалии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ», Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (1-уми октябри соли 2024) ва ғайра.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли муқаррароти ҷудогона аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади татбиқ аз 23.09.2025 с., №22) мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, онҳо дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (санади татбиқ аз 26.08.2025 с., №333/дс) тасдиқ ва татбиқ карда шудаанд.

Интишори натиҷаҳои таҳқиқот. Вобаста ба маводи таҳқиқотшудаи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 164 номгӯйро дар бар мегирад, 14 расм, 18

ҷадвал ва 6 диаграмма иборат мебошад. Кори диссертатсионӣ дар маҷмуъ 197 саҳифаи чопии компютериро фаро гирифтааст.

ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар қисми муқаддимавии рисола зарурати интихоби мавзуъ ва сатҳи омӯзиши илмии он шарҳ дода шуда, инчунин ҳадаф, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ муайян гардидаанд. Ҳамзамон, навоварии илмӣ ва нуктаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшавандаи рисола низ мушаххас карда шудаанд.

Боби якуми рисола таҳти унвони «Асосҳои назариявию методии танзими молиявии иқтисодиёт дар шароити муосир» ба баррасии масъалаҳои бунёдии танзими молиявии рушди иқтисодиёт бахшида шудааст. Дар доираи ин боб асосҳои назариявии мавзуъ, заминаҳои методологӣ ва принсипҳои асосии танзими молиявии рушди иқтисодиёт мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҳамчунин таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти татбиқи сиёсати танзими молиявӣ дар шароити муосир мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки танзим маънои ба як низоми муайян даромадан, пешгирӣ аз хароҷоти беҳудаву зиёдатиро ифода менамояд. Танзими иқтисодӣ баҳри баланд бардоштани сатҳи иқтисодию иҷтимоии шаҳрвандон равона гардидааст. Яке аз вазифаҳои калидии танзими давлатии иқтисодиёт аз татбиқи тадбирҳои махсус ҷиҳати дастгирии рушди устувор ва таъмини суботи равандҳои иқтисодӣ иборат мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф давлат ба равандҳо, омилҳо ва захираҳое, ки асоси рушди иқтисодиро ташкил медиҳанд, таъсиргузорӣ менамояд.

Таҳқиқотҳо собит намуданд, ки дар шароити муосир вазифаҳои иқтисодии давлат наметавонанд, ки аз баъзе дигаргуниҳои муайян дар канор монанд. Ин пеш аз ҳама, ба падидае бо номи ҷаҳонишавӣ вобастагӣ дорад, ки худро дар таҳкими иқтисоди кушод ва таъсири мутақобилаи иқтисодҳои миллӣ зоҳир мекунад. Дар ин радиф бояд

тазаккур дод, ки дар даҳсолаҳои охир раванди ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ фаъолона инкишоф ёфта, дар навбати худ, тамоми иқтисоди ҷаҳониро (бозори молҳо, хизматрасонӣ, сармоя, меҳнат ва дониш) ба бозори нисбатан иқтисодӣ табдил дода истодааст. Вобаста ба ин, тараққиёти иқтисодиёти аксарияти мамлакатҳо ва минтақаҳо бо ҳам алоқаи зич пайдо карда истодаанд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки иқтисоди ҷаҳонӣ ба ҷуз аз созмонҳои байналмилалӣ, ҳоло аз ҷониби сармояи бузурги ширкатҳои фаромиллалӣ назорат мешавад. Айни замон дар ҷаҳон қариб 40 ҳазор ширкатҳои фаромиллӣ мавҷуд ҳастанд, ки зиёда аз 250 ҳазор филиалҳои хориҷиро назорат мекунанд [16, с.31-32]. Дар баробари ин, имрӯз баъзе давлатҳо дараҷаи озодии тиҷорати дохилиро дар хориҷа танзим мекунанд. Давлат ба ғайр аз вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва вазифаҳои дохилшавӣ ба иқтисодиёти чаҳонӣ он вазифаҳоеро низ иҷро менамояд, ки ягон ҷамъияти миллӣ аз уҳдаи иҷрои онҳо намебарояд ва ҳамчун таъминкунандаи сармоягузорӣ барои ташкилотҳо, пеш аз ҳама, дар рушди илму техника нақши махсус мебозад. Ҳама кишварҳо имрӯз мехоҳанд, ки манфиатҳои ҷаҳонишавиро ба ҳадди аксар расонанд ва худро аз оқибатҳои манфии он ҳифз намоянд. Дар ин замина, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ яке аз давлатҳое мебошад, ки дар байни ИДМ аз ҷиҳати иқтисодӣ нақши ба худ хосро доро мебошад [19, с.76-77]. Масъалаи нақш ва аҳаммияти танзими молиявии иқтисодиёт на ин, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар аксарият давлатҳои мутараққии ҷаҳон то имрӯз мавзуи аз нуқтаи назари ҳам назаривӣ ва ҳам амалӣ баҳсталабу доманадор байни доираи васеи иқтисодшиносон ва коршиносони соҳа қарор гирифтааст. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар самти мазкур олимони ватанӣ ва хориҷӣ андешаҳои худро баён намудаанд, ки онҳо дар рушди иқтисодиёти кишвар хело зарур ва муҳим арзёбӣ мешаванд (ниг. ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. - Нуқтаи назари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба моҳияти танзими молиявӣ

Муҳаққиқон	Шарҳи мафҳум
1	2
М.В. Романовский	«Танзими молиявӣ - ин ҷузъи афзалиятноки низоми танзими давлатии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад ва ба он, пеш аз ҳама, даромад ва харочоти давлат, андоз ва пардохтҳои ғайриандозӣ, даромадҳои фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ, имтиёзҳо ва санксияҳои молиявӣ, низоми танзими давлатии фаъолияти инҳисорӣ ва қарзи давлатӣ дар ҳамаи шаклҳо дохил мешаванд» [57, с.244].
Т.А. Позднякова	«Танзими молиявӣ - ин фаъолиятест, ки аз ҷониби давлат барои истифодаи муносибатҳои молиявӣ бо мақсади танзими параметрҳои такрористеҳсол ташкил карда мешавад» [39, с.116].
А.Г. Грязнова	«Танзими молиявӣ – ин ҳамчун таъсир ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки ба пешгирӣ ё бартараф кардани номутавозунии мавҷуда, таъмини рушди технологияҳои пешрафта ва суботи иҷтимоӣ тавассути захираҳои молиявӣ дар баъзе сегментҳои бозор ва маҳдуд кардани афзоиши захираҳои молиявӣ фаҳмида мешавад» [15, с.125].
С.В. Барулин	«Танзими молиявӣ - ин фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ (маҳаллӣ) ва идоракунии ташкилотҳо оид ба таъсир расонидан ба объектҳои гуногуни танзим тавассути андешидани тадбирҳои танзими молиявӣ бахри ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ва ҳалли масъалаҳои тактикии сиёсати молиявӣ мебошад» [6, с.33].
Н.Л. Барышникова	«Танзими молиявӣ - ин фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ ва мақомоти идоракунии ташкилотҳо оид ба таъсиррасонӣ ба иқтисодиёт, соҳаҳои алоҳида ва сохтор тавассути маҷмуи унсурҳо, шаклҳои молиявӣ, усулҳо ва механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ё маҳдудкунии давлатӣ ва корпоративӣ мебошад» [7, с.135-136].
Г.А. Петранева	«Танзими молиявии иқтисодиёт - ин низоми мураккаби чорабиниҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилию маъмурӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки барои рушди устувори соҳаҳои иқтисодӣ равона карда мешавад» [38, с.86].

Идомаи ҷадвали 1.	
Т.М. Тӯхтаев, Ф.А. Мирзобобоев	«Танзими молиявӣ - ин маҷмуи тадбирҳое мебошад, ки ба баландбардории нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа равона карда мешавад» [47, с.143].
Х.Р. Улуғхоҷаева	«Танзими молиявӣ – ин маҷмуи усулҳо, воситаҳо, технологияҳои молиявӣ ва қоидаҳое мебошад, ки тавассути онҳо мақомотҳои давлатӣ, ваколатдор, танзимкунанда ва идоракунӣ ба равандҳои ташаккул ва истифодаи фондҳои пулию қарзӣ, гардиши сармоя ва даромад, рафтори субъектҳои хоҷагидор ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои муайяннамудаи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат таъсир мерасонанд, фаҳмида мешавад» [48, с.25].
Ақидаи муаллиф	«Танзими молиявӣ – ин маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва маъмурӣ мебошад, ки ба ташкил, назорат ва идоракунии муносибатҳои молиявӣ ва фаъолияти субъектҳои бозори молиявӣ бо мақсади таъмини устуворӣ ва самаранокии низоми молиявӣ нигаронида шудааст» [10-М].

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар заминаи таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шудааст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими молиявӣ низоми мукаммали чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва маъмуриро дар бар мегирад. Ин низом барои ташаккул, идоракунӣ ва назорати муносибатҳои молиявӣ, инчунин фаъолияти иштирокчиёни бозори молиявӣ равона гардида, ҳадафи асосии он таъмин намудани устуворӣ, самаранокӣ ва тавозуни фаъолияти низоми молиявии кишвар мебошад.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки танзими молиявӣ дар тамоми марҳилаҳои рушди иқтисодӣ яке аз омилҳои муҳимми пешбурди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити кунунӣ аҳаммияти он боз ҳам бештар гардида, ҳамчун воситаи асосии татбиқи сиёсати иқтисодии давлат хизмат мекунад (ниг. ба расми 1).



Расми 1. – Сохтори модели консептуалии ташаккули низоми танзими молиявӣ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Ба назари мо, сатҳи самаранокии танзими молиявӣ, пеш аз ҳама, аз дараҷаи риоя ва татбиқи принсипҳои бунёдӣ вобаста мебошад, ки асоси ташаккул ва амалисозии ин равандро ташкил медиҳанд. Маҳз ҳамин принсипҳо барои ташкили низоми устувор, шаффоф ва самараноки идоракунии молиявӣ замина фароҳам оварда, татбиқи сиёсати молиявии мутавозин ва одилонаро таъмин менамоянд. Аз ин рӯ, принсипҳои асосии танзими молиявӣ ҳамчун пояи назариявӣ ва амалии сиёсати молиявии давлат арзёбӣ мегарданд (ниг. ба расми 2).



Расми 2. - Принсипҳои асосии танзими молиявӣ
Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти омӯхташуда

Дар баробари принсипҳои асосӣ усулҳои танзими молиявӣ низ нақши калидӣ дошта, таҷрибаи ҷаҳонӣ аз мавҷудияти ду модели асосии он - кейнсионӣ ва неоклассикӣ шаҳодат медиҳад, ки вобаста ба шароити иқтисодӣ ва сатҳи дахолати давлат мавриди истифода қарор мегиранд.

Ҳамин тавр, танзими молиявӣ яке аз воситаҳои асосии татбиқи сиёсати иқтисодии давлат буда, ҷиҳати нигоҳдории суботи макроиқтисодӣ, рушди устувори иқтисоди миллӣ ва истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Тавассути ин низом давлат ҷараёни гардиши маблағҳо, фаъолияти бозорҳои молиявӣ ва муносибатҳои иқтисодиро ҳамоҳанг намуда, баҳри рушди иқтисодӣ муҳити мусоид фароҳам меорад. Дар шароити рақамикунонӣ ва ҷаҳонишавии иқтисод зарурати такмили механизмҳои танзими молиявӣ боз ҳам бештар мегардад, зеро истифодаи технологияҳои рақамӣ, коркарди маълумоти бузург ва автоматикунонии равандҳо имконият медиҳанд, ки сифати идоракунӣ ва самаранокии қарорҳои молиявӣ беҳтар карда шавад. Ҳамзамон, тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар бахши молия ба омили муҳими таъмини устувории низоми молиявӣ дар шароити афзоиши вобастагии иқтисодҳои миллӣ табдил ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки танзими молиявӣ низоми бисёрсамта ва мутобиқшаванда буда, риояи принсипҳои асосӣ ва истифодаи дурусти воситаҳои танзим ба давлат имкон медиҳад, то хавфҳои иқтисодиро коҳиш дода, барои рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, омӯзиши таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон нишон медиҳад, ки татбиқи пайгиронаи ислоҳоти молиявӣ, мутобиқсозии сиёсати давлатӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва таҳкими шаффофият қодиранд самаранокии низоми молиявиро ба таври назаррас баланд бардоранд. Бо вуҷуди мавҷудияти мушкилоти гузариш чунин

ислоҳот барои рушди устувори иқтисодӣ ва ҳамгироии кишвар ба низоми молиявии ҷаҳонӣ шароити мусоид фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, истифодаи унсурҳои муваффақи таҷрибаи Ӯзбекистон, инчунин Қазоқистон ва Беларус, бо назардошти хусусиятҳо ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ба такмили низоми танзими молиявӣ, баланд бардоштани шаффофият, устуворii молиявӣ ва таъмини рушди дарозмуддати иқтисоди миллӣ мусоидат намоянд.

Дар боби дуюми рисола, ки таҳти унвони «Таҳлил ва арзёбии вазъи муосири самаранокии танзими молиявии рушди иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардидааст, вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои асосии танзими молиявии рушди иқтисодиёт мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, самаранокии механизмҳо ва воситаҳои танзими молиявӣ баҳогузорӣ шуда, ҷанбаҳои институтсионалии ин раванд тавассути мониторинг ва арзёбии ҳамаҷониба дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд.

Дар шароити ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ ва афзоиши ҳаракати фаромарзии сармоя, нақши мақомоти миллии танзимкунанда дар таъмини суботи иқтисодӣ ва молиявӣ беш аз пеш муҳим мегардад. Таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳашт соли охир аз тамоюли мусбати рушди онҳо шаҳодат дода, самаранокии нисбии сиёсати танзими молиявӣ ва саҳми онро дар пешбурди рушди иқтисодии кишвар инъикос менамояд (ниг. ба ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. - Вазъи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2024

Нишондиҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2017, бо %
Шумораи аҳолӣ, ҳаз. наф.	8931,2	9126,6	9313,8	9716,8	9886,8	10078,4	10288,3	10508,5	**117,7**
Шумораи миёнаи машғулин дар иқтисодиёт, ҳаз. наф	2407	2426	2463	2506	2534	2545	2625	2748	**114,2**
Шумораи бекорон, ҳаз. нафар	50	52	51	51	55	55	50	49	**98,0**
Сатҳи бекорӣ, бо %	2,2	2,1	2,0	2,1	2,1	2,1	1,8	1,8	**-0,4 б.ф.**
Даромадҳои пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ	37247,5	41083,9	47986,3	65347,0	80508,8	95124,7	120715,1	146496,6	**393,3**
Харҷотҳои пулӣ ва пасандозҳои аҳолӣ, млн. сомонӣ	38430,6	42346,4	48857,2	72555,7	91885,0	110606,3	145634,1	152907,2	**397,9**
Музди меҳнати миёна, сомонӣ	1144,19	1233,82	1335,52	1393,78	1540,84	1760,29	2013,11	2310,21	**201,9**
ММД, млн. сомонӣ	64434,3	71059,2	79109,8	83958,3	101076,3	118181,7	130791,5	153402,2	**238,1**
ММД ба ҳар сари аҳолӣ, бо сомонӣ	7291,4	7870,2	8580,1	8922,2	10312,0	11838,8	12868,8	14752,5	**202,3**
Маҳс. саноатӣ, млн. сомонӣ	23815	26339	29816	32440	39187	42988	46857	53873	**226,2**
Маҳсулоти кишоварзӣ, млн. сомонӣ	41411,6	43066,2	46140,7	50225,7	53576,2	57841,7	63028,4	73976,6	**178,6**
Сармоягузориҳо, млн. сомонӣ	11371,6	13361,0	12517,8	11775,5	15124,9	16655,2	20699,8	23042,3	**202,6**
Ҳаҷми гардиши моли чакана дар ҳаман соҳаҳои савдо, млн. сомонӣ	28361,8	30460,6	34115,8	33399,3	37741,3	42043,8	48518,5	55066,5	**194,2**
Гардиши савдои хориҷӣ, млн. доллар	3972,9	4224,3	4523,7	4557,8	6359,1	7309,5	8328,9	8955,0	**225,4**
Содирот, млн. доллар	1198,0	1073,3	1174,4	1406,9	2149,6	2142,0	2448,8	1947,4	**162,6**
Воридот, млн. доллар	2774,9	3151,0	3349,3	3150,9	4209,5	5167,5	5880,1	7007,6	**252,5**
Даромади бучети давлатӣ, млн. сомонӣ	23307,3	24097,2	23490,4	25065,0	30053,8	36056,8	43903,4	46613,9	**200,0**
- ба ҳисоби фоиз нисбат ба ММД	38,1	35,0	30,4	30,4	30,4	31,2	33,6	30,4	**-7,7 б.ф.**
Харҷоти бучети давлатӣ, млн. сомонӣ	22264,2	24187,4	23806,6	24812,5	29342,7	35338,9	43034,8	45836,1	**205,9**
- ба ҳисоби фоиз нисбат ба ММД	36,4	35,1	30,8	30,1	29,7	30,5	32,9	29,9	**-6,5 б.ф.**
Қарзи давлатии хориҷӣ, млн. доллар	2879,0	2 924,2	2925,3	3243,7	3299,3	3228,3	3243,3	3187,6	**110,7**
Қарзи давлатии дохилӣ, млн. доллар	800,5	749,1	726,8	536,7	447,6	424,6	396,8	386,3	**48,3**

Сарчашма: Тибқи сарчашмаҳои зерин таҳия гардидааст: [27], [28, с.10-15], [29, с.10-14], [43], [44]

Таҳлилу арзёбиҳои вазъи нишондиҳандаҳои ҳаштсолаи макроиқтисодӣ ва молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки тағйироти сатҳи иқтисодии кишвар бештар ба равандҳои ҷамъшавии тадриҷӣ монанд аст. Масалан, шумораи аҳолӣ аз ҳудуди 8,9 миллион нафар гузашта, то сатҳи зиёда аз 10,5 миллион нафар расидааст, ки ин худ фишори иловагӣ ба захираҳои иқтисодиро ба вуҷуд меорад. Бо вуҷуди ин, шумораи машғулин аз 2,4 миллион то қариб 2,75 миллион нафар зиёд шудааст.

Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 64,4 миллиард сомонӣ ба 153,4 миллиард сомонӣ расидааст, ки ин нишондиҳандаи васеъшавии фазои иқтисодӣ мебошад. Агар ММД ба ҳар сари аҳолӣ соли 2017 тақрибан 7,3 ҳазор сомониро ташкил медод, пас дар соли 2024 ин рақам ба 14,7 ҳазор сомонӣ баробар шудааст. Ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ аз 23,8 миллиард то 53,9 миллиард сомонӣ боло рафта, нақши саноатро ду баробар тақвият додааст. Кишоварзӣ бошад, аз 41,4 миллиард сомонӣ гузашта, ба сатҳи тақрибан 74 миллиард сомонӣ расидааст, ки афзоиши нисбатан ором, вале пайвастаро нишон медиҳад.

Сармоягузориҳо аз 11,3 миллиард сомонӣ ба зиёда аз 23 миллиард сомонӣ афзоиш ёфта, гарчанде сол ба сол яксон набошанд ҳам, самти умумии болоравиро нигоҳ доштаанд. Гардиши чакана аз 28,3 миллиард ба 55 миллиард сомонӣ расида, ду баробар зиёд шудааст. Дар савдои хориҷӣ ҳаҷми умумӣ аз 4 миллиард доллар гузашта, то наздики 9 миллиард доллари ИМА афзоиш ёфтааст. Дар ин раванд воридот аз 2,7 миллиард то 7 миллиард доллари ИМА зиёд шуда, суръаташ аз содирот баландтар будааст. Содирот бошад, бо вуҷуди расидан ба 2,4 миллиард доллари ИМА, дар соли охир коҳиш ёфтааст. Даромади буҷети давлатӣ аз 23,3 миллиард то 46,6 миллиард сомонӣ афзоиш ёфта, аммо ҳиссааш нисбат ба ММД аз 38,1 фоиз то 30,4 фоиз паст

шудааст. Хароҷоти буҷетӣ низ аз 22,2 миллиард то 45,8 миллиард сомонӣ боло рафта, саҳмаш дар иқтисод коҳиш ёфтааст. Қарзи хориҷӣ мутаносибан дар ҳудуди 2,9–3,2 миллиард доллари ИМА тағйир ёфта, устувории нисбиро нишон медиҳад. Қарзи дохилӣ бошад, аз 800 миллион доллари ИМА поён фаромада, то сатҳи тақрибан 386 миллион доллари ИМА расидааст. Маврид ба зикр аст, ки яке аз механизмҳои асосии танзими молиявии давлатӣ ин буҷети давлатӣ ба шумор меравад. Буҷети давлатӣ ҳамчун воситаи танзими молиявӣ, унсури муҳимми низоми молиявӣ буда, барои идоракунии иқтисодиёти кишвар, азнавтақсимкунии захираҳо ва ноил шудан ба ҳадафҳои иқтисодию иҷтимоӣ истифода мешавад. Аз ин лиҳоз, буҷети давлатӣ воситаи асосии танзими молиявӣ дар иқтисодиёти кишвар мебошад. Он нақшаи даромад ва хароҷоти давлатро барои давраи муайян, одатан як сол ифода мекунад ва ҳамчун татбиқгари асосии сиёсати фискалӣ хизмат мекунад.

Муаллиф иброз медорад, ки барои такмили танзими молиявии давлатӣ, такмили заминаи қонунгузорӣ ва рушди он дар шароити муосири иқтисодӣ зарур аст.

Танзими низоми молиявии давлатӣ дар мамлакат баъди қабули як қатор қонунҳои асосӣ, аз қабили қонунҳо дар бораи буҷети давлатӣ, андоз, назорати асъор ва хароҷоти давлат хеле беҳтар гардид. Ин қонунҳо заминаи ҳуқуқии танзими муассири гардиши молӣ, андозбандӣ ва буҷети давлатиро фароҳам меоранд, аммо ҳанӯз ҳам зарурати такмил ва мутобиқсозии қонунгузорӣ ба воқеияти иқтисодии муосир вуҷуд дорад. Дар баробари ин, нақши Бонки миллии Тоҷикистон низ дар такмили назорати молиявӣ хеле зиёд аст. Бонки миллии Тоҷикистон дар нигоҳдории суботи молиявӣ, пешбурди сиёсати пулию қарзӣ ва танзими низоми бонкӣ нақши калидӣ дорад.

Муаллиф таъкид мекунад, ки танзими давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклу воситаҳои гуногунро дар бар

мегирад, ки тавассути онҳо давлат ба иқтисодиёти миллӣ таъсир мерасонад, ҳамзамон онро муътадил гардонда, рушди устуворро таъмин менамояд. Мавриди ба зикр аст, ки асосҳои танзими молиявӣ усулҳо ва механизмҳое мебошанд, ки мақомоти давлатӣ, бонкҳои марказӣ ва дигар муассисаҳои молиявӣ ҷиҳати таъсир расонидан ба иқтисодиёт, ба эътидол овардани бозорҳои молиявӣ, идоракунии ҳаҷми пул ва нигоҳ доштани фаъолияти иқтисодӣ истифода мебаранд. Зарурати дахолати давлат ба иқтисодиёт бо мақсади танзими он бо ҳалли масъалаҳои вобаста ба қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа, дастгирии самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёт, такмил ва васеъ намудани иншооти инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Тасодуфӣ нест, ки дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда танзими молиявии давлатӣ дар соҳаи истеҳсолот ва амалияи иқтисодӣ васеъ истифода мешавад. Дар ин ҳошия, зикр намудан бамаврид аст, ки усулҳо, воситаҳо ва фишангҳои танзими молиявии давлатӣ то имрӯз пурра таҳқиқ карда нашудаанд, бисёр вазифаҳои ҳалнашуда вобаста ба дахолат ба иқтисодиёти давлат мавҷуданд. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки дар ташаккул ва рушди сохтори иқтисодии ҳар як ҷомеаи муосир танзими молиявии давлатӣ, ки дар доираи сиёсати иқтисодии интихобкардаи давлат амалӣ карда мешавад, нақши ҳалкунанда дорад. Дар ин раванд, бояд зикр намуд, ки яке аз фишангҳои асосие, ки метавонад танзими молиявиро дуруст ба роҳ монад, ин низоми молияи давлатӣ ба шумор меравад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, № 6, мод. 436; соли 2013, № 3, мод. 189, № 11, мод. 784; соли 2016, № 5, мод. 367) шарҳи мафҳуми низоми молияи давлатӣ чунин оварда шудааст: «...низоми молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - доираи муайяни муносибатҳои молиявӣ, ки дар

раванди онҳо маблағҳои пулӣ ташаккул меёбанд ва истифода бурда мешаванд. Низоми молияи давлатӣ шакл ва усулҳои ташаккул, тақсимот ва истифодаи маблағҳои пулии давлатиро муайян менамояд»[26, с.1].

Муаллиф ёдовар мешавад, ки танзими молиявӣ маҷмуи тадбирҳоест, ки давлат ҷиҳати таъсиррасонӣ ба низоми молиявӣ бо мақсади таъмини суботи макроиқтисодӣ, рушди устувор ва тақсимоти самараноки захираҳо андешида мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими молиявӣ дар идоракунии иқтисодиёти давлатӣ ба даст овардани даромади буҷет, назорати таваррум, нигоҳдории устувории пули миллӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ нақши асосӣ дорад. Дар шароити дигаргунсозиҳои иқтисодиёт гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ва бархӯрдҳои иқтисодии хориҷӣ сиёсати самарабахши молиявӣ ба воситаи муҳимми таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди устувор табдил меёбад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари рӯ ба тараққӣ дар Осиёи Марказӣ ба зарурати навсозии бозорҳои молиявӣ, таҳкими суботи молиявӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои молиявӣ дучор омадааст.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳқиқот аз ҷониби мо модели консептуалии танзими молиявӣ таҳия гардидааст. Он ҳадафҳо, принсипҳо, воситаҳо ва механизмҳои институтсионалиро дар бар мегирад, ки ба таъмини суботи низоми молиявӣ нигаронида шудаанд. Модели консептуалии танзими молиявӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 3 оварда шудааст (ниг. ба расми 3).



Расми 3. - Такмили механизми танзими молиявии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сарчашма: Таҳияи муллиф

Муаллиф қайд менамояд, ки модели консептуалии пешниҳодгардидаи танзими молиявӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини суботи иқтисодӣ, таҳкими эътимод ба низоми молиявӣ, рушди бозорҳои молиявӣ ва идоракунии самараноки молияи давлатӣ равона мегардад. Модели консептуалии дар боло овардашуда, хусусиятҳои хоси иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, институтҳои молиявии он, инчунин, омилҳои иқтисодию сиёсии беруниро низ ба инобат гирифтааст. Ҳамин тариқ, танзими молиявӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ ва ба эътидол овардани низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидӣ дорад. Такмили институтҳои танзим ва такмили минбаъдаи қонунгузорӣ дар рушди устувори кишвар қадамҳои муҳим хоҳад буд.

Боби сеюми рисола, ки таҳти унвони «Самтҳои такмили танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» пешниҳод шудааст, ба муайян намудани роҳҳои такмили низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёти кишвар бахшида шудааст. Дар ин боб тадбирҳои такмили танзими молиявӣ, усулҳои баланд бардоштани самаранокии механизмҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир, инчунин дурнамои рушди ин низом то соли 2030 мавриди таҳлил, асосноккунӣ ва арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Такмили самтҳои танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ҷанбаи муҳимми нигоҳдории рушди устувори иқтисодӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад.

Вобаста ба ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ самтҳои асосии танзими молиявӣ аз инҳо иборат мебошанд, ки дар расми 4 ба таври васеъ оварда шудаанд (ниг. ба расми 4).



Расми 4. - Самтҳои асосии танзими молиявии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Натиҷаҳои таҳқиқот собит намуд, ки такмили танзими молиявӣ дар шароити муосир баҳри баланд бардоштани суботи молиявӣ, беҳбуди шароит барои соҳибкорӣ ва фароҳам овардани механизмҳои ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон муҳим аст. Ин раванд на танҳо барои мутобиқ шудани кишвар ба бархӯрдҳои муосири иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат мекунад, балки рушди устуворро дар муҳлатҳои дарозмуддат таъмин хоҳад кард.

Дар диссертатсия дарҷ гардидааст, ки такмили танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир бархӯрди ҳамаҷониба, аз ҷумла мутобиқшавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, рушди зерсохтори миллии молиявӣ, баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ, ҳамгироӣ ба бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ ва такмили танзими давлатиро тақозо мекунад. Ин тадбирҳо ба таъсиси низоми устувор ва муассири молиявӣ, ки қодир ба дастгирии рушди иқтисодии кишвар ва таъмини некуаҳволии шаҳрвандони он мусоидат мекунанд.

Яке аз самтҳое, ки заминаи асосии такмил ва танзими молиявиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад таъмин созад, ин такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар низоми молиявии кишвар ба шумор меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими молиявӣ доираи васеи санадҳои меъёрию ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки ба рушди бозорҳои молиявӣ, таъмини суботи бахши бонкӣ, ҳифзи манфиатҳои сармоягузорон ва дастгирии идоракунии самараноки давлатӣ нигаронида шудаанд. Ҷиҳати такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои ҳамаҷониба андешида мешаванд. Ин кӯшишҳо ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ, беҳбуди фазои сармоягузорӣ ва дастгирии рақамикунонии низоми молиявӣ нигаронида шудаанд. Масалан, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 125 лоиҳаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия кардааст, ки 75-тои он қабул шудааст. Аз ҷумла, 40 санад ба татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тавсеаи пардохтҳои ғайринақдӣ» дахл дорад, ки ба гузариши ташкилотҳои буҷетӣ ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ мусоидат намуда, шаффофияти муомилоти молиявиро афзун менамоянд. Вусъат додани татбиқи принсипҳои буҷети

барномавӣ дар Тоҷикистон заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии татбиқи буҷети барномавӣ таҳия мешаванд.

Аз мавқеи Бонки миллии Тоҷикистон дурнамои сиёсати пулию қарзии кишвар барои давраи миёнамуҳлат ва дарозмуддат таҳия гардида, тибқи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, баъдан тибқи параметрҳои зикргардида амалӣ карда мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон дар танзими низоми молиявии кишвар нақши муҳим дорад.

